«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
__________Хушвахтзода Қ.Х.
«05» ___09___ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович соли 2014 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Рисолаи номзадиашро соли 2018 дар мавзӯи «Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан” дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад – доктрои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Дар рафти муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Фаъолияти гумрукӣ аз ҷумлаи соҳаҳое ба шумор меравад, ки дар иртибот бо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ қарор дорад. Он ба сифати механизми муҳимтарини танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди иқтисодиёти кишвар мусодат менамояд.

Фаъолияти гумрукӣ бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ алоқаманд буда, баҳри амалисозии вазифа ва

ҳадафҳои муайян, ки аз вазифа ва ҳадафҳои умумии давлат бар меояд равона мегардад. Дар баробари вазифа ва ҳадафҳои умумӣ ва асосие, ки аз таъиноти фаъолияти гумрукӣ бар меоянд, ҳамчунин як қатор вазифаҳои муҳимме ҷой доранд, ки амалисозии онҳо метавонанд дар заминаи фаъолияти гумрукӣ таъмин гарданд. Аз ҷумла, таъмини амнияти миллӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти экологӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва моликияти зеҳнӣ, мубориза бо қочоқи инсон, силоҳ, маводҳои нашъаовар ва объектҳои муомилоташон манъшуда, терроризму ифродгароӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ ва ғ.

Фаъолияти гумрукӣ ба мисли дигар падидаҳои нави дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бавуҷудомада зуҳурот ва соҳаи нав мебошад, ки ташаккулёбии он дар шакли муосир бевосита дар ин марҳилаи рушди Тоҷикистон рост меояд. Дар ин марҳила рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти гумрукӣ устувор гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи он давра ба давра таҳия ва мавриди амал қарор дода шуданд. Дар шароити имрӯза пойгоҳи ҳуқуқии ин соҳаро маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусан санади кодификатсионӣ (Кодекси гумрук), қонунҳо ва доираи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (аз он ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ташкил медиҳанд, ки меъёрҳои ҳуқуқии дахлдорро ҷиҳати танзими ҳамаҷонибаи фаъолияти гумрукӣ фаро мегиранд.

Барои ташкили дуруст, муносиб ва баамалбарории босуботи фаъолияти гумрукӣ ташкили идоракунии давлатии самаранок тақозо карда мешавад. Дар воқеъ, идоракунии давлатӣ падидаи муҳим ва марказӣ барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта, воситаи таъмини иҷрои вазифа ва ҳадафҳои давлат дар соҳаҳои мазкур мебошад. Фаъолияти гумрукӣ низ бо ташкили идоракунии давлатӣ созгор гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва моддии чунин фаъолият дар заминаи он мустаҳкам мегарданд.

Дар шароити муосир барои ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии самаранок дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ як қатор омилҳо ҷой доранд, ки метавонанд ба раванди рушд ва устувории ин самт таъсир расонанд. Ба монанди, таъмини сифати қонунгузории соҳавӣ ва татбиқи дурусти онҳо аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, муқаррарнамоии созгори тадбирҳои гумрукию тарифӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, иҷрои босифати функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таъмини устувории сатҳи касбии шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур, рушди ҳамкории миёни мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дигар мақомоти давлатию институтҳои алоҳида, таҳия ва ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дарёфти роҳҳои муносиби танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва бо ин роҳ амалисозии вазифаҳои идоракунии давлатӣ, ки дар алоқамандӣ бо фаъолияти гумрукӣ қарор доранд (аз он ҷумла, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, ҳимояи субъектони фаъолияти иқтисодии ватанӣ ва ғ.), истифодаи самаранок ва васеи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар раванди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он, таъмини ҳамаҷонибаи қонуният тавассути фишангҳо ва воситаҳои муносиб, ҳамчунин кафолати таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дар маҷмуъ таъмини сатҳу сифат, самаранокӣ, иҷро ва риояи пурра ва ҳамаҷонибаи талаботи қонунгузорӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби тамоми иштирокчиёни ин раванд.

Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва мубрам ба ҳисоб рафта, масъалаи мазкур то ба ҳол дар сатҳи илми ҳуқуқии кишвар мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Бо ҳамин мазмун, таҳқиқи масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ ба ошкор намудани паҳлуҳои мухталифи он, мушкилот ва таҳияи андеша ва консепсияҳои илмӣ вобаста ба он мусоидат менамояд.

Аз дидгоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ ва таҳқиқ намудани масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аҳамияти назарӣ ва амалӣ дошта, дар ин замина метавонад, ки маҷмуи андеша, таклиф ва пешниҳодотро вобаста ба он гирд оварда, баҳри дар амал роҳандозӣ намудан тавсия карда шаванд. Махсусан, барои амалишавии ҳадафҳои олӣ, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст, сатҳ ва самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таҳияи консепсияҳои асосноки илмӣ аҳамияти хосаро касб менамоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мубрам буда, метавонад, ки ҳамчун воситаи рушддиҳӣ ва такмилдиҳанда дар самти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ хизмат намояд.

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳлили мучтамаи табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таҳия консепсияҳои асосноки илмӣ роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва таҷрибати давлатҳои муосир дар самти мазкур пешниҳод намудани тавсияҳо бо мақсади такмил ва рушди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба ғайр аз ин, мақсади дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ ин дар заминаи таҳлил ва баррасии масъалаи баррасишаванда коркарди пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар дар соҳаи мазкур, рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ва мусоидат намудан ба амалишавии вазифа ва ҳадафҳои олие, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир гузошта шудааст, маҳсуб меёбанд.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои болозикр, амалишавии **вазифаҳои** зерин аз аҳамият холӣ нест:

- таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-маъмурии падидаи идоракунии давлатӣ;

- таҳлил ва баррасии фаъолияти гумрукӣ ва мазмуни он ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ;

- ошкор ва муайян намудани мазмун ва намудҳои функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳлили масъалаи шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- баррасӣ ва таҳлили падидаи усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- ошкор намудани мафҳум, моҳият ва намудҳои ҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- баррасӣ ва таҳқиқи махсусият, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва низоми мақомоти гумруки ҶТ ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳлили мазмун, табиат ва аҳамияти қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳқиқ ва равшан намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҷассумгари он аст, ки дар заминаи таҳлил ва таҳқиқоти илмии ҳуқуқи маъмурӣ рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти муҷтамаъ роҷеъ ба масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ба мисли падидаи идоракунии давлатӣ ва фаҳмиши он дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир, мазмун ва моҳияти фаъолияти гумрукӣ ҳамчун масъала ва соҳаи марказии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки ба маънии том объекти чунин намуди идоракунии давлатиро ташкил медиҳад, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва қонуният дар идоракунии давлатии соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов З.М. дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқӣ маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки ба илмҳои ҳуқуқшиносӣ мансуб аст ва доираи

масъалаҳои марбут ба ихтисоси мазкур аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ муайян гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф ҳангоми таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои илмиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти пешниҳод карда, паҳлуҳои алоҳидаи онро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст, ки ба амалӣ намудани вазифа ва мақсадҳои таҳқиқот равона гардидаанд. Ҳамзамон, муаллифи таҳқиқот мафҳумҳо, хусусиятҳо, омилҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқотро муайян намуда, тавсия ва пешниҳодҳоро вобаста ба масъалаҳои гуногуни таҳқиқот таҳия кардааст. Ба ғайр аз ин, муаллиф вобаста ба масъалаи баррасишавандаи таҳқиқот мақолаҳо ва монографияҳоро ба табъ расонидааст, ки ин ҳама дар маҷмӯъ саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи ӯ инъикос меёбад.

**Интишороти муҳим аз рӯйи мавзӯи рисола:**

**[1-М].** Соибов, З.М. Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан [Текст] монография / З.С. Соибов – Душанбе. 2019. – 192 с.

**[2-М].** Соибов, З.М. Таможенное законодательство и правовое обеспечение деятельности таможенных органов в Республике Таджикистан: история, теория и практика [Текст] монография / Х.Х. Саидов, З.С. Соибов; под ред. д.ю.н. Маджидзода и д.ю.н. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2020. – 136 с.

**[3-М].** Соибов, З.М. Правовые основы правоохранительной деятельности таможенных органов в Республики Таджикистан) [Текст] / З.С. Соибов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2016. – №2/2 (197). – С. 250-253.

**[4-М].** Соибов, З.М. Оид ба низоми мақомоти гумруки ҶТ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Текст] / З.С. Соибов // Вестник

Таджикского национального университета (научный журнал). – 2016. – №2/5 (207). – С. 246-249.

**[5-М].** Соибов, З.М. К вопросу о специфике таможенных органов Республики Таджикистан [Текст] / З.С. Соибов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (научный журнал). – 2016. – №2/6 (210). – С. 261-264.

**[6-М].** Соибов, З.М. Организационно-правовая форма уполномоченый орган по вопросам таможенных органов Республики Таджикистан [Текст] / З.С. Соибов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи. А. Баховаддинови Академияҳои илмҳои ҶТ. – 2016. – №4. – С. 180-183.

**[7-М].** Соибов, З.М. Рушди идоракунии давлатӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 [Текст] / Х.Р. Қодирқулов, З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №4 (24). – С.65-71.

**[8-М].** Соибов, З.М. Рушди асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон [Текст] / А.М. Диноршоев, З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С.168-173.

**[9-М].** Соибов, З.М. Фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С.173-181.

**[10-М].** Соибов, З.М. Назорати гумрукӣ ҳамчун шакли фаъолияти назоратии мақомоти гумрук дар ҶТ [Текст] / А.М. Диноршоев, З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №4 (28). – С.184-188.

**[11-М].** Соибов, З.М. Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ ҳамчун омили баландбардории самаранокии идоракунии давлатии соҳаи гумрук дар ҶТ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №4 (28). – С.188-199.

**[12-М].** Соибов, З.М. Татбиқи низоми ҳукумати электронӣ дар раванди идоракунии давлатӣ: дар мисоли идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №1 (29). – С. 282-292.

[13-М]. Соибов, З.М. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ташаккули мақомоти гумрук дар ҶТ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №2 (30). – С. 268-273.

[14-М]. Соибов, З.М., Ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ [Текст] / З.С. Соибов, Ш.С. Саъдуллозода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №2 (30). – С. 273-279.

[15-М]. Соибов, З.М. Ташаккули шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С. 229-237.

[16-М]. Соибов, З.М. Некоторые вопросы фискальной функции таможенного органа Республики Таджикистан [Текст] / А.Д. Гафурзода, З.С. Соибов // Правовая жизнь. – 2020. – №3 (31). – С. 242-250.

[17-М]. Соибов, З.М. Таносуби байни мафҳумҳои «фаъолияти гумрукӣ», «сиёсати гумрукӣ» ва «танзими гумрукӣ» [Текст] / З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №3 (47). – С. 162-168.

[18-М]. Соибов, З.М. Содержание правоохранительной деятельности таможенных органов Республики Таджикистан [Текст] / А.Д. Гафурзода, З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №4/1 (48). – С. 94-101.

[19-М]. Соибов, З.М. Оид ба ҳадафҳо (мақсадҳои)-и идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №4/2 (49). – С. 152-155.

[20-М]. Соибов, З.М. Баъзе андешаҳо оид ба шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 143-147.

[21-М]. Соибов, З.М. Оид ба табиати шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №1 (33). – С. 179-186.

[22-М]. Соибов, З.М. Кафолатҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (54). – С. 195-201.

[23-М]. Соибов, З.М. Оид ба принсипи қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №1 (55). – С. 159-165.

[24-М]. Соибов, З.М. Моҳияти функсияи иттилоотӣ ва машваратӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Текст] / З.С. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №4 (36). – С. 143-151.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои 25 ва 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқӣ маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №1 аз 29 августи соли 2022.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
муаллими калон, иҷрокунандаи вазифаи
мудири кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, Қодиров Ҷ.Ш.

**Котиби ҷаласа**
лаборанти калони кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Неъматова М.А.

Имзоҳои Ҷ.Ш. Қодиров ва М.А. Неъматоваро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
“05” 10 2022